# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026. – 41 саҳ.).**

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» дар шароити муосири рушди ҷомеа ва ташаккули давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун қисмати таркибии он яке аз воситаҳои муҳимми ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини қонуният ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар низоми ҳуқуқии давлат мақоми марказӣ ишғол менамояд.

Дар марҳилаи кунунии рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ масъалаҳои марбут ба моҳият, мазмун, асосҳои ба вуҷуд омадан ва татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ то ҳол баҳснок боқӣ мемонанд. Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ назарҳои гуногун нисбат ба мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ, муносибати он бо ҷазои ҷиноятӣ, инчунин муайян намудани ҳудуди татбиқи он вуҷуд доранд. Баъзе муҳаққиқон ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун уҳдадории шахс барои таҳаммули маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонун арзёбӣ менамоянд, гурӯҳи дигар онро шакли махсуси муносибатҳои ҳуқуқии байни давлат ва шахси ҷиноятсодиркарда медонанд. Мавҷудияти чунин ихтилофоти назариявӣ зарурати таҳқиқоти амиқи умуминазариявиро тақозо менамояд. Муаллиф доир ба ин масъала назарияи муаллифонаи худро баён намудаст. Аз ҷумла, дар таҳқиқот зикр гардидааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ як қисми муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар натиҷаи он оқибатҳои ҳуқуқӣ байни ҳуқуқвайронкунанда ва давлат дар симои мақомоти салоҳиятдори он ба вуҷуд меоянд. Аммо ҷавобгарӣ ин гуна муносибатҳои нави ҳуқуқӣ нест, зеро ҳамон муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳамон уҳдадорие, ки қаблан вуҷуд дошт, ки он вайрон шудааст, иҷро

нагардидааст, ё ба тариқи дахлдор амалӣ карда нашудааст. Уҳдадории умумии иҷро накардани амалҳои муайян дар муносибатҳои ҳуқуқии мушаххас уҳдадорӣ нест. Бинобар ин, танҳо ҳангоми вайрон кардани ин уҳдадорӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд ва албатта уҳдадории дар он мавҷудбударо ихтиёран иҷро кардан мумкин аст. Ихтиёран иҷро накардани уҳдадорие, ки аз вайрон кардани мамнуъиятҳои умумӣ бармеояд, боиси ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад (саҳифаи 19 автореферати дисс.).

Мубрамияти мавзуъ ҳамчунин бо ислоҳоти пайвастаи қонунгузории ҷиноятӣ ва судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии зич дорад. Дар шароити такмили сиёсати ҳуқуқӣ ва мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ масъалаи таъмини татбиқи одилона ва самараноки ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Дар ин замина омӯзиши асосҳои назариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад барои такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани сифати фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат намояд. Аз ҷониби дигар, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, зуҳури шаклҳои нави ҷинояткорӣ, истифодаи технологияҳои муосир ва тағйирёбии вазъи иҷтимоӣ зарурати бознигарии баъзе равишҳои анъанавиро нисбат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба миён овардааст. Дар чунин шароит муайян намудани мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ дар низоми умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Илова бар ин, таҳқиқоти мазкур метавонад ба рушди назарияи умумии ҳуқуқ, такмили илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ташаккули фаҳмиши ягона нисбат ба табиати ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, амалияи судӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти диссертатсионии «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи муносибати мукаммали назариявӣ нисбат ба моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифода мeёбанд. Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои нави илмӣ ба даст оварда шуда, як қатор масъалаҳои баҳсталаби назарияи давлат ва ҳуқуқ мавриди таҳлил ва асосноккунии илмӣ қарор дода шудаанд. Ба навгониҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ инҳо дохил мешаванд: 1) мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун шакли махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз нав таҳлил гардида, таърифи мукаммали илмии он пешниҳод шудааст, ки дар он хусусиятҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва давлатӣ-маҷбурии ин институт ба таври маҷмуӣ инъикос гардидааст; 2) мафҳум ва хусусиятҳои фарккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян ва низомнок карда шудаанд. Асоснок гардидааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дорои табиати махсуси ҳуқуқӣ буда, бо дараҷаи баланди маҷбуркунии давлатӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии худ фарқ мекунад; 3) таносуби мафҳумҳои «ҷавобгарии ҷиноятӣ» ва «ҷазои ҷиноятӣ» таҳлил гардида, фарқият ва алоқамандии байни онҳо муайян карда шудааст. Муайян шудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба ҷазо мафҳуми васеътар буда, ҷазо танҳо яке аз шаклҳои баамалбарории он мебошад; 4) асосҳои ба вуҷуд омадан ва татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ аз нуқтаи назари назарияи умумии ҳуқуқ таҳқиқ гардида, хулоса пешниҳод шудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун муносибати махсуси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи содир гардидани ҷиноят ба вуҷуд меояд; 5) принсипҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз ҷумла қонуният, адолат ва инсондӯстӣ таҳлил гардида, нақши онҳо дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон асоснок карда шудааст; 6) мақом ва аҳаммияти ҷавобгарии ҷиноятӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ ва сиёсати ҷиноятии давлат муайян гардида, таъсири он ба пешгирии ҷинояткорӣ ва таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ нишон дода шудааст.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, дар автореферати диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок низ ба назар мерасанд, ки ба тавзеҳи иловагӣ ниёз доранд. Ҳамчунин, дар баъзе қисматҳои автореферати

диссертатсия таносуби мафҳумҳои «ҷавобгарии ҷиноятӣ» ва «ҷазои ҷиноятӣ» возеҳ инъикос наёфтааст. Бо вуҷуди он ки муаллиф ҷавобгарии ҷиноятиро мафҳуми васеътар арзёбӣ менамояд, масъалаи татбиқи шаклҳои дигари амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ғайр аз ҷазои ҷиноятӣ таҳлили амиқи илмиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки дар ҷараёни ҳимояи ошкорои диссертатсия роҷеъ ба масъалаҳои зикршуда, аз ҷумла вобаста ба муайян намудани лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ, таносуби мафҳумҳои «ҷавобгарии ҷиноятӣ» ва «ҷазои ҷиноятӣ», инчунин хусусиятҳои фарккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ аз дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавзеҳоти иловагӣ пешниҳод намояд. Баёни дақиқи мавқеи илмии муаллиф оид ба ин масъалаҳо метавонад ба таҳкими асоснокии назариявии таҳқиқот ва равшан гардидани баъзе ҷанбаҳои баҳснок мусоидат намояд.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда баҳснок мебошад.

Ҳамчун натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, автореферати диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо мукаммал, амиқ ва ҳамаҷониба буда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро фаро гирифтааст. Муаллиф тавонистааст пешниҳодҳои мушаххас ва илмӣ ҷиҳати такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қонунгузории дахлдор пешниҳод намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар рушди назарияи давлат ва ҳуқуқ, такмили амалияи қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми назаррас дошта бошанд.

Бо дарназардошти ҳамаи гуфтаҳои боло, таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқгардида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, № 295), мутобиқ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Декани факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон,
д. и. ҳ., профессор **Ҳамроев Ш.С.**

**Имзои Ҳамроев Ш.С. – ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Исмоилова М.Н.**

**Суроға:**
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода,
30 Тел.: (+992) 37 221-35-50
Факс: (+992) 37 221-35-50
www.rtsu.tj E-mail: p.rektora@mail.ru
«26» 05 соли 2026